# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Тошхочаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯъи «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдузии ороишӣ-миллии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология-таълими меҳнат)

Дар ташаккули ҳисси хештаншиносӣ роли омӯзгорони ояндаи мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки он масъулият бар дӯши муассисаҳои таҳсилоти олист, аз ҳама бештар мебошад. Маҳз онҳо тарбияи ғоявӣ, миллӣ ва зебоипарастии насли наврасро, ки ояндаи кишвар мебошанд, ба зимма доранд.

Дар ин самт асарҳои санъати миллӣ, аз ҷумла, гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар ташаккули ҳамаҷонибаи ҷавонон чун ғизои маънавӣ-миллӣ хизмат менамояд, ки он онҳоро ба фаъолияти эҷодӣ, саҳм гузоштан барои пешрафти давлати пурқудрату рушдёбанда омода менамояд. Бинобар ин, донишгоҳҳое, ки мутахассисонро барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тайёр менамоянд, бояд доимо дар ҷустуҷӯи шаклу восита, усулҳои таърихӣ ва нави омодасозии таълиму тарбияи донишҷӯён - омӯзгорони оянда бошанд. Мутахассисонро мутобиқ ба талаботи замон тайёр кунанд ва барои мунтазам баланд бардоштани маҳорати касбӣ, ташкили бозомӯзии кадрҳо ва шиносоии онҳо бо дастовардҳои муосири соҳаи маориф тавассути ташкили курсҳо, факултативҳо, семинарҳо ва монанди инҳо роҳандозӣ намоянд.

Ба роҳ мондани анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла, гулдӯзӣ дар раванди таълим дар МТМУ дар шароити ҳозира хеле муҳим ва зарур мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло дар диссертатсияи Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна ҳаллу фасли вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- омӯзиши хусусиятҳои гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ, таърихи пайдоиш ва зарфияту имконоти таълимиву тарбиявии он;

- муайян кардани механизм ва технологияи муносибатҳои зебоипарастӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӯ дар заминаи таҷрибаи таърихии анъанаҳои меҳнатии мардумӣ дар асоси гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ (сӯзанидӯзӣ);

- таҳияи барномаҳо дар соҳаи таълими гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ, муайян кардани шакл ва усулҳои таълиму тарбияи хонандагон бо назардошти ташаккули ҳисси зебоипарастӣ ва самти фаъолияти меҳнатии онҳо;

- таҳияи тавсияҳо барои муаллимон ва роҳбарони маҳфил оид ба ташкили самараноки раванди таълими маҳфилҳо аз фанни технология (таълими меҳнат) тавассути гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ (сӯзанидӯзӣ) дар байни хонандагон;

- дар асоси таҷриба мусоидат намудан ба ташаккули маърифати зебоипарастии хонандагон дар мисоли анъанаҳои гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ(сӯзанидӯзӣ).

Дар натичаи гузаронидани таххикотхои илмӣ бо истифода аз усулҳои замонавӣ ба муаллиф муяссар шудааст, ки навгонихои зерини илмиро ба даст орад:

1. Зарурати омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) бо роҳу методҳои корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ (сӯзанидӯзӣ) аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шуд;

2. Роҳу усулҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони МТМУ дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ (сӯзанидӯзӣ) таҳқиқи худро ёфтаанд;

3. Методҳо ва услубҳои гуногуни ҳавасмандгардонии хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) дар асоси гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ (сӯзанидӯзӣ) дарѐфт гардиданд.

Таҳлили дастовардҳои илмии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна, дар асоси авторeферати диссертатсия, ба хулоса меорад, ки автореферати мазкур ба хамаи талаботхо мувофик мебошад.

Диссертатсияи Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯъи «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии точикӣ» ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонхои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505, бандҳои 10-16) пурра чавобгӯй буда худи Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология-таълими меҳнат) мебошад.

ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17, ДМТ
тел. 907-74-33-83
E-mail; maksudov_barot@mail/ru

Мудири кафедраи физикаи ҳаста,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои физикаю математика,
профессор Махсудов Барот Исломович

Имзои Б.И.Махсудовро тасдиқ менамоям;
Сардори раёсати кадрхо ва корҳои махсус
Тавқиев Эмомалӣ